*Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисодИ Тоҷикистон бо суроғаи: ш. Душанбе,734067, кӯчаи Нахимов, 64/4*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи номзадии Асоев Илҳом Зикрёевич дар мавзуи «Рушди хизматрасониҳои иҷтимоӣ омили муҳими баланд гардидани сатҳи зидагии аҳолӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050611– Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт)**

Дар шароити муосири рушди иқтисодиёти миллӣ ва бартарафсозии бӯҳрони иқтисодӣ, коҳиши сифати зиндагии як қисми аҳолӣ мушоҳида мешавад, чунин категорияҳо аз қабили камбизоатӣ ва бекорӣ пайдо шудаанд, инчунин дар солҳои охир тафовути иҷтимоии аҳолӣ вусъат ёфтааст. Сифати зиндагии аҳолӣ ҳамчун сарчашмаи бойгарии миллӣ хизмат карда, омили муайянкунандаи баромад аз бӯҳрони иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мебошад. Муаммоҳои ташаккул ва баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолӣ бо марҳилаи нави рушди ҷомеаи башарӣ алоқаманд аст. Дар алоқамандӣ бо марҳилаи нав асри XXI аз ҷониби ташкилоти байналхалқӣ асри сифат эълон карда шудааст. Сифати баланди молу хизматрасониҳо хусусияти хоси рушди иқтисодиёт гашта, нишондиҳандаи баланди самаранокии меҳнатӣ ва дар навбати худ манбаи бойгарии миллӣ мегардад.

**Тавре аз матни автореферат бармеояд,** ҳадафи таҳқиқот аз омӯзиш ва коркарди асосҳои назариявӣ-методологии баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ ва пешниҳодоти амалӣ оид ба таъмини рушди иҷтимоӣ-иқтисодии аҳолӣ дар шароити минтақа ба шумор меравад.

Унвонҷӯ расидан ба ҳадафро дар иҷрои **вазифаҳои таҳқиқот** медонад, ки ҳалли онҳо ба тавлиди навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ мусоидат намудаанд. Маҳз вобаста аз ҳамин мавзуъ, муҳиммияти он, объекти таҳқиқот, масъалаҳо ва усулҳои таҳқиқот дар диссертатсия муайян карда шудаанд. Дар таҳқиқотии муаллиф о**бъекти** таҳқиқотро ташаккули механизми баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолии минтақа ҳамчун самти таъмини рушди иқтисодӣ-иҷтимоии он дар шароити иқтисоди бозорӣ мебошад. **Мавзуи таҳқиқот** маҷмуи муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодие мебошад, ки дар доираи ташаккул ёфтани механизми нави таъмини некуаҳволии аҳолӣ бо ҷалби имкониятҳои дохилӣ, иборат мебошад.

Муҳаққиқ дар автореферати худ дуруст қайд мекунад, ки нишондиҳандаҳо ташаккули даромади пулии аҳолӣ аз хисоби музди меҳнат нишон медиҳад, ки чӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ ва даромади ҳар нафар аҳолӣ, хароҷоти хонаводаҳо ва индекси нархҳои истеъмолии аҳолӣ вобаста аст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки музди меҳнат дар таркиби даромадҳои пулии аҳолӣ ҳиссаи бештарро ташкил медиҳад.

Нишондиҳандаи мазкур дар солҳои 2014 ва 2020 мувофиқан ба 45,1% ва 41,2% баробар гардида, дараҷаи тағйирёбии музди меҳнат дар ин давра 1,5 маротиба зиёд гардидааст (саҳ.15).

Яке аз бартариятҳои автореферати мазкур дар он аст, ки бо истифодаи маълумоти нодир таҳлилҳои возеҳ ва аниқу дақиқ гузаронида, мушкилоти мавзуи таҳқиқшуда дарёфт гардида ва барои бартараф кардани ин мушкилот тавсияҳои муаллиф пешниҳод шудааст.

Дар автореферати диссертатсия ғайр аз нуктаҳои муфиди аҳамияти илмию таҳқиқотидошта, чунин эродҳо мушоҳида мегардад:

1. Муаллиф муайян намудааст, ки барои арзёбии сатҳи некуаҳволӣ миёни табақаҳои гуногуни иҷтимоӣ мавриди истифода қарор мегирад - ин рушди ММД мебошад, ки ҳамчун критерияи муҳим тағйироти таркибии он тавсифи муносибатҳои байниминтақавиро ифода мекунад. Лекин тафсилоти дақиқ оид ба механизми тақсим намудани ММД ба сари аҳолӣ нишон дода нашуда аст;

2. Дар авторефрат хатогиҳои услубӣ дида мешавад.

Вобаста ба мақсади ноилгардида, вазифаҳои иҷрошуда, натиҷаҳои таҳлилии ба даст оварда шуда ва инчунин хулосаву пешниҳодҳои асоснокарда шуда, ки мушахассан дар автореферати диссертатсияи Асоев Илҳом Зикрёевич оварда шудааст, кори таҳқиқотии аҷомёфта буда, ба муқарраротӣ низомномаи КОА-назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ буда муаллифи он Асоев Илҳом Зикрёевич сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси (6D050611– Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт) мебошад.

**Муққариз,**
**д.и.и, дотсент мудири кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонӣ ДБССТ** **Ҷумъаев Б.М.**

**Имзои Ҷумъаев Б.М.-ро тасдиқ мекунам.**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДБССТ** **Ҷураев Ш.Н.**